Лоиҳа

Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи намуна ва меъёрҳои додани либоси махсуси расмии кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 164 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Намуна ва меъёрҳои додани либоси махсуси расмии кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ҳангоми таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатри алоҳида ҳаҷми маблағҳои бо либоси махсуси расмӣ таъмин намудани кормандони мақомоти андозро аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби махсуси худ муайян карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур намояд.

3. Тартиби пӯшидани либоси махсуси расмии кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 1999, №37 «Дар бораи тасдиқи либоси расмӣ, аломатҳои фарққунанда ва меъёрҳои таъминоти кормандони мақомоти андоз бо амволи шайъӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳа

Замима
ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз __ ___ соли 20__ ,
№__

Намуна ва меъёрҳои додани либоси
махсуси расмии кормандони мақомоти андоз

1. Намуна ва меъёрҳои додани либоси махсуси расмии кормандони мақомоти андоз (минбаъд - Намуна) номгӯйи либоси махсуси расмӣ, тасвир, меъёрҳо, муҳлати истифодаи онҳо ва нишонаҳои фарққунандаи либоси махсуси расмии кормандони мақомоти андозро муайян менамояд.

2. Либоси махсуси расмӣ ва дигар нишонаҳои фарқунандаи кормандони мақомоти андоз, ки тасвири онҳо тибқи Намунаи мазкур муайян шудааст, ба ҳамаи кормандони мақомоти андоз (хизматчиёни давлатӣ) ройгон дода мешавад.

3. Номгӯйи либоси махсуси расмӣ, тасвир, меъёрҳо ва муҳлати истифодаи онҳо ба таври зайл муқаррар карда мешавад:

- фурашка аз матои омехтаи кабуди сабз (сафед) бо гирдаи бахмалини кабуд, ҳошияи кабуд аз болои гирда, бо банди дутораи зарринтоби бофташуда дар гирда, бо ду тугмаи зарринтоб маҳкамкардашуда, дорои лапари сиёҳи лок додашуда ва нишонаи зарринтоби дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвирёфта (ба занҳо ба ҷойи фурашка берет дода мешавад) - 1 дона ба муҳлати 2 сол;

- телпаки зимистона аз қарокӯлии сиёҳи дорои лапари сиёҳи лок додашуда, бо банди кабуди сабз бофташуда дар гирда, бо ду тугмаи зарринтоб маҳкамкардашуда ва бо нишонаи зарринтоби дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвирёфта (ба занҳо ба ҷойи телпаки зимистона берети зимистона дода мешавад) - 1 дона ба муҳлати 4 сол;

- пиҷак аз матои омехтаи кабуди сабз (сафед), погондор ва бо се тугмаи зарринтоб (барои кормандони дорои рутбаҳои тахассусии Мушовири ҳақиқии давлатии мақомоти андоз, Мушовири давлатии мақомоти андози дараҷаҳои 1,2,3 ва Сармушовири мақомоти андози дараҷаҳои 1,2,3 шаш тугмаи дуқатора)-и дар он нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвирёфта, атрофи гиребон ва сари остинаш ҳошияи кабуддор, рамзи мақомоти андоз дар гиребон (хӯшаи гандум дар гиребони пиҷаки ҳайати роҳбарикунандаи олӣ) насбгардида, дорои ду киссаи паҳлӯгии аз дарун дӯхташудаи сарпӯшдор ва як кисаи сарисинагии бе сарпӯш аз тарафи чап, дар қисмати пушти он як дарз дорад ва нишонаи латтагини гирдрӯя бо навиштаҷоти «мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар остини тарафи чапи он насб карда шудааст - 1 дона ба муҳлати 2 сол;

- шим (юбка) аз матои омехтаи кабуди сабз (сафед), дарозии он дорои ҳошияи кабуддор (барои кормандони дорои рутбаҳои тахассусии Мушовири ҳақиқии давлатии мақомоти андоз, Мушовири давлатии мақомоти андози дараҷаҳои 1,2,3 паҳноии он ба андозаи 5 см), дар қисмҳои пеши он ду кисаи паҳлуӣ, дар қафои рост як кисаи бо тугма маҳкамгардида ва сарпочааш бемағзӣ - 1 дона ба муҳлати то 2 сол;

- нимтана аз матои омехтаи кабуди сабз бо шим (юбка), погондор, бо занҷира маҳкамшаванда, дорои ду кисаи паҳлӯгии аз дарун дӯхташуда ва ду кисаи сарисинагии сарпӯшдори бо тугма маҳкамшаванда ва нишонаҳои латтагини росткунҷаи дарозрӯя дар тарафи рости пеши он ва гирдрӯя бо навиштаҷоти «мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар остини тарафи чапи он - 1 дона ба муҳлати 2 сол;

- курткаи мавсимӣ аз матои шоҳии рангаш кабуди сабз, погондор, бо занҷира ва тугмаҳо маҳкамшаванда, нишонаҳои латтагини росткунҷаи дарозрӯя дар тарафи рости пеши он ва гирдрӯя бо навиштаҷоти «мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар остини тарафи чапи он - 1 дона ба муҳлати 3 сол;

- курткаи зимистона (пахтагин) аз матои омехтаи кабуди сабз, погондор, гиребонаш аз мӯинаи қароқулии сиёҳ, бо занҷира ва тугмаҳо маҳкамшаванда, нишонаҳои латтагини росткунҷаи дарозрӯя дар тарафи рости пеши он ва гирдрӯя бо навиштаҷоти «мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар остини тарафи чапи он - 1 дона ба муҳлати 3 сол;

- пойафзол (туфли)-и мардона (занона)-и чармини рангаш сиёҳи маҳкам - 1 ҷуфт ба муҳлати 1 сол;

- ниммӯзаи мардона (занона)-и чармини рангаш сиёҳ - 1 ҷуфт ба муҳлати 1 сол;

- курта аз матои пахтагини рангаш кабуди равшан ва сафеди камаркашидаи остиндароз ва остинкутоҳ бо погон ва нишонаи латтагини гирдрӯя бо навиштаҷоти «мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар остини тарафи чапи он - 2 дона ба муҳлати 2 сол;

- галстук аз матои шоҳии кабуди тира - 2 дона ба муҳлати 1 сол;

- либоси таги гарми трикотажӣ - 1 баст ба муҳлати 2 сол;

- ҷӯроби пахтагин - 6 ҷуфт ба муҳлати 1 сол;

- тасмаи чармин барои шим - 1 дона ба муҳлати 4 сол;

- ҳангоми ба рутбаи тахассусии Мушовири ҳақиқии давлатии мақомоти андоз ва Мушовири давлатии мақомоти андози дараҷаҳои 1, 2 ва 3 сарфароз гардидан, ба корманд сару либоси намунаи расмии барои кормандони ҳайати роҳбарикунандаи олӣ муқарраршуда дода мешавад;

- ҳангоми иштироки кормандон дар чорабиниҳои идона ва ташрифӣ ба ғайр аз таъминоти шайъии кормандон, ки дар Намунаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ашёи иловагӣ, аз ҷумла акселбанд, дастпӯшаки пахтангини сафед, тасмаи латтагини рангаш зарди бо раххои сиёҳ тасвирёфта, погонҳои аз таҳи моҳутии зарҳалин ва ситораҳои ба он мувофиқ дода мешавад;

- ҳангоми бо дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намудани кормандони мақомоти андоз дар машқҳои низомӣ ва дигар

чорабиниҳои хусусияти ҳарбидошта ба онҳо сару либоси саҳрой мутобиқ ба ранги либоси махсуси расмии кормандони мақомоти андоз, аз ҷумла сарпӯш бо насби кокарда, нимтана бо шим, футболка, тасмаи чармин ва пойафзол дода мешавад.

4. Рамзи мақомоти андоз дар гиребон, нишонаҳои латтагин дар пеши бар ва остини либоси махсуси расмӣ ва ситораҳо (ситорачаҳо)-и панҷгӯша дар погонҳо ҳамчун нишонаҳои фарққунанда тибқи рутбаҳои тахассусӣ барои кормандони мақомоти андоз маҳсуб меёбад.

5. Нишонаҳои фарққунанда дар як вақт бо либоси махсуси расмӣ, ки дар онҳо ҷойгир намудани ин нишонаҳо пешбинӣ шудааст, дода мешавад. Ҳангоми ба кормандони мақомоти андоз додани рутбаи тахассусӣ, ба онҳо нишонаҳои гуногун: погон, рамзи мақомоти андоз, нишонаҳои латтагин ва ситораҳо (ситорачаҳо)-и панҷгӯша дода мешавад.

5. Нишонаҳои латтагини гирд ва росткунҷаи дарозрӯя аз бахмали кабуди сабз бо навиштаҷоти «мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Кумитаи андоз» мансубияти кормандро ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода намуда, дар қисми рости берунии пеши бар ва остини чапи либоси махсуси расмӣ насб карда мешаванд.

7. Погонҳои кормандони мақомоти андоз росткунҷаи дарозрӯя қисми болоиаш гирдрӯя буда, аз матои омехтаи кабуди сабз (сафед) бо бофтаи махсус (моҳут) тайёр карда шуда, шерозаи погонҳо дорои ранги кабуди тира, як ва ду раххои кабуди равшан ба дарозии погон мебошанд.

8. Андоза ва миқдори ситораҳо (ситорачаҳо) дар рӯи погон бояд ба рутбаи тахассусии корманди мақомоти андоз бо тартиби зерин мувофиқат намояд:

- барои Мушовири ҳақиқии давлатии мақомоти андоз – погон бо таҳи бофтаи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), бо як ситораи зарринтоби андозааш 45 мм аз канори поёнии погон то маркази ситора дар масофаи 45 мм зарҳалдӯзигардида, дар он рамзи мақомоти андоз ба андозаи 45 мм тасвир ёфта, бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;
- барои Мушовири давлатии мақомоти андози дараҷаи 1 - погон бо таҳи бофтаи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), бо се ситораи зарринтоби андозааш 30 мм аз канори поёнии погон то маркази ситораи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;
- барои Мушовири давлатии мақомоти андози дараҷаи 2 - погон бо таҳи бофтаи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), бо ду ситораи зарринтоби андозааш 30 мм аз канори поёнии погон то маркази ситораи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;
- барои Мушовири давлатии мақомоти андози дараҷаи 3 - погон бо таҳи бофтаи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), бо як ситораи зарринтоби андозааш 30 мм аз канори поёнии погон то маркази ситора дар масофаи 45 мм дар ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Сармушовири мақомоти андози дараҷаи 1 - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои ду рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва се ситорачаи зарринтоби андозааш 20 мм дар мобайни раҳҳо аз канори поёнии погон то маркази ситорачаи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Сармушовири мақомоти андози дараҷаи 2 - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои ду рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва ду ситорачаи зарринтоби андозааш 20 мм дар мобайни раҳҳо аз канори поёнии погон то маркази ситорачаи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Сармушовири мақомоти андози дараҷаи 3 - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои ду рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва як ситорачаи зарринтоби андозааш 20 мм дар мобайни раҳҳо аз канори поёнии погон то маркази ситорача дар масофаи 45 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Мушовири мақомоти андози дараҷаи 1 - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои як рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва чор ситорачаи зарринтоби андозааш 15 мм дар болои рах аз канори поёнии погон то маркази ситорачаи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Мушовири мақомоти андози дараҷаи 2 - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои як рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва се ситорачаи зарринтоби андозааш 15 мм дар болои рах аз канори поёнии погон то маркази ситорачаи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Мушовири мақомоти андози дараҷаи 3 - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои як рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва ду ситорачаи зарринтоби андозааш 15 мм дар болои рах аз канори поёнии погон то маркази ситорачаи якум ва фосилаи байни онҳо ба масофаи 25 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст;

- барои Мушовири мақомоти андоз - погон бо таҳи моҳутии рангаш кабуди сабз (сафед), дорои як рахи кабуди равшан ба дарозии погон ва як ситорачаи зарринтоби андозааш 15 мм дар болои рах аз канори поёнии погон то маркази ситорача дар масофаи 45 мм ҷойгиршуда ва бо тугмачаи зарринтоб аз қисмати болоии погон дӯхта шудааст.